Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

12 феврали соли 2025
Чоршанбе
№ 13 (15128)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ РУСИЯРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайатро зери роҳбарии муовини роҳбари Маъмурияти Президенти Фидератсияи Русия Максим Орешкин қабул кард.***



*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

Дар аввали мулоқот Максим Орешкин ба роҳбари давлатамон саломи самимӣ ва орзуҳои беҳтарини Президенти Фидератсияи Русия Владимир Путинро расонд.

Масъалаҳои татбиқи амалии шартномҳое баррасӣ гардиданд, ки зимни ташрифи давлатӣ ба Ўзбекистон моҳи майи соли гузашта ва дигар суҳбатҳо дар дараҷаи олӣ бинобар «нақшаи роҳ»-и тасбитёфта ба даст омадаанд.

Ба қабули чорабиниҳои маҷмӯӣ доир ба нигоҳ доштани суръати рушди ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ, дастгирии лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ ва тиҷорати электронӣ, вусъат додани ҳамкории амалӣ дар соҳаи хоҷагии об, таълими олӣ ва тарбияи кадрҳои муҳандисӣ, зеҳни сунъӣ, табодули маданӣ ва варзишӣ эътибори алоҳида нигаронида шуд.

**ЎзА.**

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН АЪЗОИ ШЎРОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАШВАРАТИРО ҚАБУЛ КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 11 феврал гурӯҳи коршиносони Шӯрои байналмилалии машваратиро дар таркиби Алфред Гузенбауэр, Александр Квасневский ва Штефан Фюле қабул кард.***

Масъалаҳои муҳими рушди мутақобилан судманд ба мақсади мусоидати коршиносии татбиқи стратегияи ислоҳот дар Ўзбекистони Нав ва густариши ҳамкориҳои бисёрҷанба бо кишварҳо ва институтҳои Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуданд.

Муҳим будани ҳамкории амалӣ дар соҳаи омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, ҷалби технология ва сармояҳо дар навсозии соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти кишварамон таъкид гардид.

Оид ба рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ дар заминаи омодагӣ ба нишастиояндаи «Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ» дар шаҳри Самарқанд мубодилаи афкор ба амал омад.

**ЎзА.**

# ЁДЕ АЗ ШОИРИ ТАВОНО

***Бо ташаббуси раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Сурхондарё Рамазон Абдуллоев ва устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Тирмиз Илҳом Эшонқулов ҳамоиши адабӣ-фарҳангӣ таҳти унвони «Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик» баргузор гардид, ки ба 584-умин солгарди Алишер Навоӣ бахшида шуд.***

Дар чорабинӣ раиси маркази миллӣ-мадании ноҳияи Деҳнав Ш. Саидов, шоир И. Ҳалим, омӯзгори маърифатпарвар А. Бойбӯсинов, раиси Маркази миллӣ-мадании ноҳияи Олтинсой Ҳ. Исматуллоев ва раиси Маркази миллӣ-мадании ноҳияи Бойсун Ғ. Норбоев иштирок кардаву ба шукӯҳи ҷашн афзуданд.

**Зулбибӣ ИСКАНДАРОВА**
**донишҷӯи курси 3-юми ДДТ.**

*Ҳамкорӣ*

# СУҒДИЁН ДАР НАМАНГОН

***Гурӯҳи меҳмонон аз ҷумлаи раисони шаҳр ва ноҳияҳо, роҳбарони ширкатҳо, фермерон, соҳибкорон ва намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ таҳти сарварии раиси вилояти Суғди Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода бо ташрифи расмӣ ба вилояти Намангон омаданд.***

Меҳмононро дар сарҳади «Поп – Навбунёд», ки дар ноҳияи Поп воқеъ аст, Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, ҳокими вилояти Намангон Шавкатҷон Абдураззоқов, вакилони ҷамоатӣ, нурониён ва ҷавонон пешвоз гирифтанд.

Баъди истиқболи самимона меҳмонон аз боғи интенсивии «NURAN.UZ», ки дар ҳудуди Ғурумсарой, дар 4 ҳазор гектар замин барпо шудааст, дидан карданд. Намоиши меваҳои гуногуни хуштаъм, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба меҳмонон хеле писанд омад. Онҳо боз бо чандин лоиҳа шинос шуданд, аз истгоҳи фотоэлектрии офтобии «Next Solar Energy» боздид намуданд. Онро мутахассисони Чин месозанд, чун фаъолиятро сар кард, 1 миллиард 100 кВ соат энергияи электрӣ истеҳсол хоҳад кард.

Ташрифи навбатӣ ба корхонаи «Gold Fresh Fruits» буд, ки дар ноҳияи Тӯрақӯрғон барпо шудааст. Дар 750 гектар замин ғайр аз гелос хурмову шафтолу ва олуболу низ парвариш мекунанд. Соли гузашта зиёда аз ҳазор тонна мева ба Русия, АМА, Қатар, Куриёи Ҷанубӣ ва Чин содир карда шуд. Дар корхона 180 нафар доимӣ, зиёда аз 3 ҳазор коргарони мавсимӣ бо кор банд мебошанд. Ҳоло дар корхона 300 ҳазор бех кӯчати дарахтони гуногунро ба фурӯш тайёр намуданд, ки ба хориҷ содир хоҳад шуд. Меваҳои гелос ва қулфинайро, ки дар 2 гектар гармхона парвариш шудаанд, ба қарибӣ ба фурӯш мебароранд.

Меҳмонон дар ноҳияи Тӯрақӯрғон аз корхонаи нави Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ифтихор кийим саноати» боздид намуда, бо рафти кор ва фаъолияти коргарон, намунаи маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ошно гардиданд, ба фаъолияти тадбиркор баҳои баланд доданд. Қимати лоиҳаи корхонаи мазкур 200 миллион евро буда, дар 17 гектар замин ҷойгир шудааст. Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба корхона туҳфаи меҳнатдӯстони тоҷикистониро супурд.

Сипас, меҳмонон ба минтақаи хурди саноатии «Юксалиш» рафтанд, ки дар ноҳияи Давлатобод ҷойгир аст. Дар ин ҷо зиёда аз 100 лоиҳаи хурду калон татбиқ мешавад. Дар корхонаи «Saodat sanoat servis» 500 нафар коргарони таҷрибанок асосан либосҳои бачагона истеҳсол мекунанд. Ҳар сол 200 ҳазор дона маҳсулоти тайёрро ба экспорт мебароранд.

Корхонаи «Fazman tekstil» бошад, асосан ба дӯзандагӣ ихтисосонида шудааст, дар ин ҷо барои занону мардон ва бачаҳо либос истеҳсол карда мешавад. Қимати лоиҳа 40 миллион доллар буда, баъди пурра ба кор шурӯъ кардан боз 3 ҳазор нафарро ба кор таъмин хоҳад кард.

Намангонро бе гул ва бидуни гулпарварон тасаввур кардан душвор аст. Дар ин ҷо ҳатто, маркази гулпарварон амал мекунад. Меҳмонон дар ин маскан фаъолияти гулпарваронро аз назар гузарониданд ва гувоҳи ба иди навбатии 64-умини Фестивали гулҳо тайёрӣ дидани онҳо шуданд.

«Ифтихор кийим саноат» аз корхонаи калонтарини вилоят ба шумор меравад. Дар ин ҷо асосан либосҳои мардона медӯзанд. Арзиши лоиҳа 76 миллиард сӯм аст ва соле 60 ҳазор дона маҳсулот тайёр мекунад. 450 нафар бо кор таъмин шудаанд.

Боздиди навбатии меҳмонон аз ноҳияи Намангон буд. Онҳо дар корхонаҳои «Тошбулоқ текс» ва «Nam Motors Servis» бо техникаи хоҷагии қишлоқ шинос шуданд. Маҳсулоти корхонаи «Nam Motors Servis» ба меҳмонон писанд омад.

Аъзои ҳайат дар минтақаи хурди саноатии «Даштбоғ»-и ноҳия бо фаъолияти «Илҳомҷон текстил» низ ошно шуданд.

– Мо аз он шодем, ки мардуми вилоят, дӯстону ҳамкорон моро дар сарҳад бо анъанаҳои миллӣ – нону намак, чеҳраи кушоду меҳрубонӣ пешвоз гирифтанд, – гуфт раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода. – Ҳангоми гузаштан аз кӯчаву хиёбонҳо мо шоҳиди бунёди сохтмонҳои азим, корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмиву фарҳангӣ, биноҳои боҳашам ва табиати зебои ин маскани пурфайз шудем. Дарк кардем, ки дар вилоят ислоҳот татбиқ мешаванд ва навсозиҳо зиёд мебошанд. Мардуми Намангон меҳнатдӯсту меҳмоннавоз будаанд.

Бо иштироки намояндагони соҳибкорӣ бизнес-форуми «Намангон – Суғд» гузаронида шуд. Дар он тадбиркорони тарафайн иштирок намуда, масъалаҳои ривоҷи ҳамкории иқтисодиву маданиро муҳокима карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ «ЎЗБЕКИСТОН – 2030» ДАР «СОЛИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ»

Ба мақсади ба роҳ мондани **иҷрои** бечунучарои **вазифаҳое**, ки дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва дар ҷамъомади **палатаҳои Олий Маҷлис** бобати татбиқ сохтани маҷмӯи «трансформатсияи сабз»-и соҳа ва ҷанбаҳо ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои кишвари мо, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи **Ҳуҷҷати Киот ба Конвенсияи ҳудудии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйироти иқлим** ва **Муоҳидаи Париж**, таъмин намудани рақобатбардорӣ ва сарфаи захираҳои онҳо, ҳамчунин нармтар сохтани оқибатҳои тағйироти иқлим ва обсозиш ба он, беҳтар намудани сифати ҳаёти аҳолӣ ва гузаштан ба рушди иқтисодӣ дар модели нави рушди «сабз», қабул шудаанд:

**1.** Инҳо **муносибатҳои афзалиятноки** рушди мамлакат дар **«Соли ҳифзи муҳити зист ва «иқтисодиёти сабз»** муайян карда шаванд:

беҳтар намудани **симои экологии маҳаллаҳо**, **баланд бардоштани сатҳи кабудизоркунии кӯчаҳо**, ташаккул додани муҳити мусоид ва хуби экологӣ барои зиндагӣ;

**мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ**, фароҳам овардани шароит барои ташаккул додани **тарзи ҳаёти экологӣ** ва **татбиқ кардани иқтидори инсонӣ**;

муносибати эҳтиёткорона ва **сарфакорона истифода бурдани** захираҳои табиӣ, таъмин сохтани **устувории экологӣ**;

барои насли оянда муҳофизат кардан, бунёд намудан ва нигоҳ доштани **олами рустанӣ ва ҳайвонот**, ҳифзи гуногунрангии биологӣ;

лоиҳаҳои устувори молиявӣ, ки ба васеъ ҷалб намудани равандҳои **«иқтисодиёти сабз»**, обсозиши иқтисодиёт ба тағйироти иқлим нигаронида шудаанд;

зиёд кардани саҳми энергияи такрорӣ дар эътидоли энергетикии ҷумҳурӣ, бо иловаи бунёди бузургтарин **«истгоҳҳои сабзи электрӣ»** дар пояи **шарикии давлативу хусусӣ**, вусъат додани шабакаҳои **истгоҳҳои хурду кучаки гидроэлектрӣ** дар минтақаҳо, рағбатноксозии гузоштани панелҳои офтобӣ дар хоҷагиҳои манзилии аҳолӣ;

коҳиш додани **«асорати карбон»** дар иқтисодиёт аз тариқи васеъ истифода бурдани технологияҳои замонавии сарфакунандаи энергия дар соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ;

таъмин намудани **ҳамоҳангии байниминтақавӣ ва байнисоҳавӣ**, ки ба устувории экологӣ нигаронида шудаанд.

Муқаррар карда шавад, ки муносибатҳои афзалиятнок барои **то соли 2030**-юм ҳадди ақалл ба **6 фоиз** расондани рушди солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва то **200 миллиард доллари** ИМА расондани ҳаҷми он, нигоҳ доштани муфлисӣ дар сатҳи **5 фоиз**, ба дараҷаи **3 фоиз** нигоҳ доштани норасоии буҷа нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, **коҳиш додани нодорӣ** ва **баланд бардоштани некуҳолии аҳолӣ** аз тариқи гузаштан ба **модели рушди иқтисодӣ**, ки **истифодаи сарфакоронаи захираҳо**ро пешбинӣ менамояд.

**2. Дар соли 2025**-ум самти маблағгузории устувори лоиҳаҳое, ки ба васеъ ҷорӣ намудани равандҳои **«иқтисодиёти сабз»** нигаронида шудаанд, ғайрикарбоникунонии иқтисодиёт, нармсозии оқибатҳои тағйироти иқлим ва обсозиш ба он:

коркарди **Стратегияи дарозмуҳлати муваффақшавӣ ба бетарафии карбонӣ дар Ўзбекистон** бо назардошти талаботи Муоҳидаи Париж;

нашри саҳми кишвари мо дар коҳиш додани партови газҳои гармхонаҳо **(NDS)** дар миқёси ҷаҳонӣ барои **5 соли** минбаъда бо назардошти обсозиш ба тағйироти иқлим ва трансфери «технологияҳои сабз», ки дар сатҳи миллӣ муайян карда шудаанд;

муайян кардани **ҳолати пойгоҳии эмиссияи метан** дар соҳаҳои зерин, аз ҷумла гази табиӣ, муомила бо партовҳо ва чорводорӣ дар доираи **ӯҳдадорӣ бинобар коҳиш додани эмиссияи метан**;

саҳми манбаъҳои нави энергетикиро дар генератсияи энергияи электр аз **26 то ба 40 фоиз** расондан дар сохтори умумии иқтидорҳои генератсия аз тариқи ба истифода супурдани иқтидорҳо дар ҳаҷми **4,5 ГВт-и** азими офтобӣ ва истгоҳҳои бодӣ, гузоштани панелҳои офтобии иқтидорашон **785 мегаватт**, сохтмони истгоҳҳои электрии иқтидорашон **225 МВт**;

ҷорӣ намудани сертификати «Биної сабз» бо дарназардошти самаранокии энергетикии биноҳои навсохташуда, иншоот ва хонаҳои истиқоматӣ.

Муовини Сарвазир – вазири иқтисодиёт ва молия **Ҷ.Кӯчқоров**, ҳамчунин вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйироти иқлим **А.Абдуҳакимов** мувофиқан барои таъмини иҷрои бечунучаро, босифат ва саривақтии боби мазкур масъул муайян карда шаванд.

**3.** Ба Вазорати энергетика (Ҷ.Мирзомаҳмудов) якҷо бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ ба Девони Вазирон:

барномаи гузоштани **панелҳои офтобӣ** ва гелиоколлекторҳоро дар соли 2025-ум дар қисмати ноҳияҳо ва шаҳрҳо;

**барномаи бунёди истгоҳҳои кӯчаки гидроэлектриро** дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар тӯли **солҳои 2025-2026** пешниҳод намояд.

**4.** Ба мақсади **трансформатсияи** корхонаҳои бузург бо иштироки давлат ва то **15-20 фоиз** коҳиш додани хароҷоти истеҳсолии онҳо дар пояи раванди **«Эҳтиёткорӣ ва устуворӣ»** то охири **соли 2025-ум** корҳои зерин таъмин карда шаванд:

аз ҷониби корхонаҳои бузурги стратегӣ коркарди барномаҳои корпоративӣ дар пояи равандҳои идораи экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ (ESG), ҷорӣ намудани амалиёти ташаккул додан ва ба ҷомеа маълум кардани **ҳисоботи миллии ESG** дар на камтар аз **5** корхонаи бузурги саноатӣ;

ба даст овардани **ESG – рейтинги** Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекнефтегаз», Ҷамъияти саҳҳомии «Комбинати маъданҳои кӯҳии Навоӣ», Ҷамъияти саҳҳомии «Комбинати маъданҳои кӯҳии Олмалиқ», Ҷамъияти саҳҳомии «Uzbekistan Airports», Ҷамъияти саҳҳомии «Uzbekistan Airways»;

ба сифати таҷриба дар вилоятҳои Самарқанд ва Фарғона созмон додани **минтақаҳои саноатие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти тозаи экологӣ тахассус доранд**.

Муовинони Сарвазир **Ҷ.Кӯчқоров** ва **Ҷ.Хоҷаев**, ҳамчунин вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйироти иқлим **А.Абдуҳакимов** мувофиқан барои таъмин кардани иҷрои бечунучаро, босифат ва саривақтии боби мазкур масъул муайян карда шаванд.

**5. Соли 2025-ум** дар самти беҳтар кардани симои экологии маҳаллаҳо, баланд бардоштани дараҷаи кабудизоркунии роҳҳо, ташаккул додани муҳити мусоид ва хуби экологӣ барои зиндагӣ:

ташкил намудани шабакаҳои **«Кӯчаҳои соядори саёҳатӣ»** аз тариқи нишондани ниҳол ва рустаниҳо дар шафати пайроҳаҳои пиёдагард ва велосипедронҳо, дар минтақаҳои наздисоҳилӣ ва дар соҳили рӯдҳо сохтмони **80** иншооти инфрасохторӣ ва **пайроҳаҳои солимгардонӣ** барои аҳолӣ дар масофаи зиёда аз **110 километр**;

баланд бардоштани дараҷаи кабудизоркунӣ аз ҳисоби истифодаи самарабахши **оби борон ва селҳо**, ҷорӣ намудани низоми обёрии дарахтон аз тариқи дар маҳаллаҳо истифода бурдани технологияҳои замонавии сарфакунандаи об;

дар доираи лоиҳаи умумимиллии **«Макони сабз»** ва лоиҳаи **«Боғи ман»** нишондани **200 миллион** ниҳоли дарахтон ва буттаҳо, дар «боғҳои сабз» ва «хиёбонҳои сабзи ҷамоатӣ» истифода бурдани **асбобҳои равшаникунӣ**, ки аз **панелҳои офтобӣ** фурӯзон мешаванд;

*(Давомаш дар саҳ.2, 3).*

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ «ӮЗБЕКИСТОН – 2030» ДАР «СОЛИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ»

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

бунёди **100 ҳазор** гектар **«майдонҳои сабз»** дар қаъри баҳри Арал ва то **2,1 миллион** гектар расондани майдони ҷангалзор дар минтақаи Наздиарал;

то **4,1 миллион** гектар расондани майдонҳои ҷангалпӯш ва то **14,5 фоиз** вусъат додани ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда, ошкор кардан ва истифодаи захираҳои истифоданашуда дар самтҳои зерин, аз ҷумла **экотуризм**, **парваришгоҳи ҷонварон** ва парвариши **рустаниҳои доруворӣ**, ҳамчунин зиёд кардани даромади аҳолӣ;

бунёди боғҳо аз ҳисоби рустаниҳои **ба намак ва хушкӣ** тобовар (галофитҳо) дар ҳудудҳои интихобшудаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Бухоро, Ҷиззах ва Қашқадарё;

ҷалби маблағи идораҳои байналхалқии молиявӣ дар ҳаҷми на камтар аз **30 миллион доллари ИМА** барои ташкил намудани лабораторияҳои давлатии «in-vitro», ҳамчунин ҷудо кардани вомҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ барои ташкил намудани лабораторияҳои хусусии «in-vitro» дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Бухоро, Сурхондарё, Ҷиззах, Фарғона ва Тошканд;

ҷорӣ намудани низоми акселератсия бобати дастгирӣ кардани ташаббусҳои ҷамъиятӣ, фаъолони экологӣ ва намояндагони тиҷорат, ки ба ҳифзи табиат нигаронида шудаанд.

Муовини Сарвазир **Ҷ.Хоҷаев**, вазири экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим **А.Абдуҳакимов**, вазири хоҷагии қишлоқ **И.Абдураҳмонов**, муовини аввали вазири иқтисодиёт ва молия **И.Норкулов**, ҳамчунин Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мувофиқан барои иҷрои бечунучаро, босифат ва саривақтии боби мазкур масъул донista шаванд.

**6.** Дар самти **мустаҳкамкунии саломатии** аҳолӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккул додани **тарзи зисти экологӣ** ва татбиқ намудани **иқтидори инсонӣ** дар соли 2025-ум:

**а)** дар мамлакат ба роҳ мондани Ҳаракати умумимиллии **«Як миллион оилаи сабз»**, ки ба оммавӣ кардани тарзи ҳаёти **«Шаҳрванди фаъоли эколог»** нигаронида шудааст, аз тариқи ҷорӣ намудани **равандҳои экологӣ** дар ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолӣ, ҳамчунин ташкил кардани кор бинобар оммавӣ кардани ҳаракати мазкур дар байни шаҳрвандон.

Дар ин маврид инҳо **равандҳои асосии** ҳаракат муайян карда шаванд:

тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, аз ҷумла баланд бардоштани маданияти тиббӣ, ба роҳ мондани таоми серғизо, **пиёдагардӣ** ва **давидани** ҳаррӯза;

рағбатноксозии ҳаракат бо **«наклиёти сабз»**, аз ҷумла бо **велосипед**;

коҳиш додани истифода аз маҳсулот дар **зарфҳои пластикӣ**;

пешгирӣ намудан аз истифодаи **исрофкоронаи** ғизо;

истифодаи сарфакорона аз захираҳои **об**, **газ** ва **энергияи электр**;

ҷорӣ намудани ба навъҳо ҷудокунии партовҳо бинобар хелҳои онҳо;

**б**) дар зинаи ибтидоии тиб **зина ба зина ҷорӣ намудани трансформатсия**, ки:

ҷорӣ кардани низоми самарабахши кӯмаки аввалияи тиббиву санитариро дар поликлиникаҳои оилавӣ, нуқтаҳои шифокори оилавӣ ва нуқтаҳои тиббии маҳаллаҳо;

ба роҳ мондани фаъолияти поликлиникаҳои бисёрсоҳаи марказӣ ба сифати поликлиникаҳои маслиҳативу ташхисии беморхонаҳои марказӣ;

ташкил намудани **лабораторияҳои марказонидашуда**, пурра ба шакли электронӣ гузаронидани **навбатпоӣ ба қабули духтур**, дар пояи аутсоринг **ба сектори хусусӣ** додани хидматҳои стоматологӣ бо пурзӯр намудани назорати давлатӣ барои риояи меъёрҳои санитариву гигиенӣ;

баланд бардоштани ихтисоси кормандони тиббӣ, коркарди нишондиҳандаҳои **баҳои самарабахши** меҳнати кормандони тиббӣ, ҷорӣ кардани **иловапулиҳои ҳармоҳа** ба музди меҳнати кормандоне, ки ба нишондиҳандаҳои баланди самаранокӣ муваффақ шудаанд;

**таҷдид кардани** муассисаҳои махсуси тиббии сатҳи вилоятӣ ба **клиникаҳои бисёрсоҳаи шакли идораи замонавӣ**, таъминоти молиявӣ ва ташкилии онҳо бо фароҳам овардани миқдори зарурии катҳои беморқабулкунӣ;

**в) аз соли таҳсили 2025/2026** ба мақсади ба роҳ мондани кор бобати баланд бардоштани иқтидори инсонӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ:

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба сифати ташкилоти пешбари маълумоти олӣ барои омӯзиши муҳити атроф ва тағйироти иқлим бинобар самтҳои таълим ва ихтисосҳо, аз ҷумла **экология**, **ҳифзи муҳити атроф** ва **тағйироти иқлим** муайян карда шавад;

ҷорӣ намудани **амалиёти тайёр кардани кадрҳо** бинобар самти таълими **«Иқтисодиёти сиркулярӣ»** дар Донишгоҳи Осиёи Марказии омӯзиши муҳити атроф ва тағйироти иқлим;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд созмон додани фаъолияти **«техникумҳои сабз»**, ки ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ оид ба омӯзиши муҳити атроф ва тағйироти иқлим вобаста карда шудаанд;

дар муассисаҳои давлатии таълими олӣ ворид кардани фанҳо оид ба «илмҳои табиӣ», «оид ба самти муҳандисиву техникӣ», «оид ба иқтисодиёт ва молия» ҳамчунин барномаи таълимии «Ҳифзи муҳити атроф ва рушди сабз»;

дар таълими олӣ аз ҳисоби зина ба зина зиёд кардани ҷойҳои грантӣ то **25 ҳазор** нафар расондани квотаи супоришоти давлатӣ бинобар **илмҳои дақиқ ва табиӣ**, **самтҳои муҳандисиву техникӣ**, **соҳаи хидматрасонӣ ва тиб**;

аз ҷониби **Бунёди «Эл-юрт умиди»** ҷудо кардани **то 20 квота** ба озмуни стипендияҳо барои таҳсил дар пояи барномаҳои таълимӣ оид ба экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим;

зина ба зина ба роҳ мондани фаъолияти **на камтар аз як мактаби таълими ҳамагонӣ** дар ҳар кадом ноҳия (шаҳр)-и ҷумҳурӣ, ки ба **талаботи таълими инклюзивӣ** мусоидат намояд;

дар **доираи Барномаи «Аз нодорӣ ба фаровонҳолӣ»** ба роҳ мондани кор бинобар тайёр кардан ва мувофиқи тартиби муқарраршуда дар пояи грант барои хондан дар муассисаҳои таълими олӣ қабул кардани **3,5 ҳазор** ҷавонон аз оилаҳои камтаъмин;

**г**) **дар муҳлати то 1 марти соли 2025-ум таҳияи барнома** бинобар пурзӯр кардани тарғибу ташвиқи фоидаи ғизои дуруст, шуғл бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар саломатии инсон;

**д**) **дар муҳлати то 1 августи соли 2025-ум** кор карда баромадани Платформаи ягонаи байниидоравии ахбори миллӣ ба мақсади ошкор кардан, баҳо додан, идора кардан ва мониторинги хавф дар соҳаи амнияти хӯроквroutӣ.

Вазири нигаҳдории тандурустӣ **А.Худаяров**, вазири варзиш **А.Икромов**, вазири шуғл ва коҳиш додани нодорӣ **Б.Зоҳидов**, вазири таълими олӣ, илм ва инноватсияҳо **К.Шарипов**, вазири экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим **А.Абдуҳакимов**, вазири хоҷагии қишлоқ **И.Абдурахмонов** мувофиқан барои таъмин сохтани иҷрои бечунучаро, босифат ва саривақтии боби мазкур масъул дониста шаванд.

**7.** Ба идораҳои зерин:

Ба Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (А.Худаяров, Э.Одилов) супурда шавад, ки **дар зарфи то 1 июли соли 2025-ум** лоиҳаи ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқиро бо механизмҳои мушаххас бинобар зина ба зина ҷорӣ намудани низоми қайди давлатии фаъолияти кормандони тиб ва доруворӣ пешниҳод намояд.

Ба Вазорати технологияҳои рақамӣ (Ш.Шерматов) супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (А.Худоёров, Э.Одилов) дар муҳлати то 1 ноябри соли 2025-ум амалиёти таъин кардани воситаҳои дорувориро дар пояи низоми «таъиноти электронӣ» дар минтақаҳое, ки механизми суғуртаи тиббӣ татбиқ мешавад, ҷорӣ намояд.

**8.** Ба Вазорати экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим (А.Абдуҳакимов) ва Вазорати технологияҳои рақамӣ (Ш.Шерматов) супурда шавад, ки дар зарфи **то 1 июни соли 2025-ум** дар доираи Ҳаракати умумимиллии **«Як миллион оилаи сабз»** платформаеро ба роҳ гузоранд, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

додани мақоми **«Шаҳрванди фаъоли экология»** ба шахсоне, ки ҳангоми дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ ҷорӣ намудани равандҳои экологӣ ба нишондиҳандаҳои баланд муваффақ шудаанд, ҳамчунин барои гирифтани хидматҳои давлатӣ пешниҳоди гузашти 10-фоиза, инчунин гузашт барои вомҳои истеъмолӣ дар бонкҳо бо саҳми давлатии беш аз 50 фоиз;

додани мақоми **«оилаи сабз»** ва аз тариқи озмуни рӯшод пешниҳод намудани **14 электромобил** ба оилаҳое, ки тамоми аъзои калонсоли он сазовори мақоми **«Шаҳрванди фаъоли экология»** шудаанд;

баргузор кардани озмунҳои **«Маҳаллаи тозатарин»** ва **«Маҳаллаи сабзтарин»** дар маҳаллаҳое, ки ними аҳолии онҳо сазовори мақоми **«оилаи сабз»** шудаанд, ҳамчунин ба бунёди маҳаллаи ғолиб гузаронидани **500 миллион сӯм** барои бо маблағ таъмин кардани чорабиниҳои оид ба минбаъд беҳтар намудани инфрасохтори дохилии маҳаллаҳо, аз ҷумла таъмири роҳҳо, гузоштани асбобҳои каммасрафи равшаникунӣ, бунёди майдончаҳои бачагона, бунёди «боғҳои сабз», гузоштани ҷойҳои нишаст, сохтмони майдончаҳои партовҳо, гузоштани зарфҳо ва контейнерҳо барои партов бо назардошти пешниҳоди аҳолии маҳаллаҳо.

Вазири экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим А.Абдуҳакимов, вазири технологияҳои рақамӣ Ш.Шерматов, ҳамчунин раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мувофиқан барои иҷрои бечунучаро, босифат ва саривақтии боби мазкур масъул дониста шаванд.

**9.** Ба мақсади минбаъд вусъат додани имконияти аҳолӣ, бахусус кӯҳансолон барои истифодаи воситаҳои санитариву гигиенӣ **аз 1 майи соли 2025-ум** бо дар байни аҳолӣ васеъ равшан кардан **барномаи «Дастони пок»** татбиқ карда шавад, ки инҳоро дар назар дорад:

**а)** дар тамоми муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва таълимӣ:

бо воситаҳои санитариву гигиенӣ таъмин кардани ҷойҳо барои дастшӯӣ;

беҳтар намудани **ҳолати техникии** манзилҳои санитариву гигиенӣ ва дар **қисмати дохилии бинои** муассисаи навсохташуда ҷогузин кардани онҳо;

таҳияи нақша дар давоми сол, дар навбати аввал, барои хариди воситаҳои шустани дастҳо ва маводи антисептикӣ;

**б**) ҷорӣ намудани ӯҳдадории таъмин намудани тамоми ҷойҳои санитарӣ-гигиенӣ ва ташкилотҳои хӯроки ҷамъиятӣ бо воситаҳои санитарӣ-гигиенӣ.

Вазорати иқтисод ва молия ( И. Норқулов) ҳангоми зарурат ба ташкилотҳои буҷетӣ дар тӯли соли 2025 барои чорабиниҳои дар ҳамин банд пешбинишуда, дар асоси ҳисоботи асосноки идоракунандагони маблағҳои буҷетии сатҳи аввал маблағҳои иловагӣ ҷудо намояд.

Кумитаи некӯаҳволии санитарӣ-эпидемиологӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ (Б.Юсупалиев) **дар муҳлати як** моҳ меъёрҳои ҷудо намудани маблағҳоро барои нигоҳдории ҳолати санитарӣ-гигиенӣ дар муассисаҳои дар ҳамин банд пешбинишуда бозбинӣ намуда, назорати қатъии иҷрои воқеии онҳоро таъмин намояд.

**10.** Вазорати тандурустӣ (А. Худаяров), Вазорати иқтисод ва молия (О. Фозилкаримов), Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ (Х. Умарова) дар ҳамкорӣ бо Вазорати сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналӣ (Ш. Хидоятов) **то 1 августи соли 2025** бо ҷалби коршиносони байналмилалии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Созмони Милали Муттаҳид Барномаи беҳтар намудани низоми санитарӣ-гигиениро дар тамоми муассисаҳои соҳаи иҷтимоии ҷумҳурӣ, аз ҷумла нуқтаҳои хӯроки ҷамъиятӣ ва ҷойҳои санитарӣ-гигиении канори роҳҳои байнивилоятиву автомобилӣ, ба Девони Вазирон пешниҳод намоянд.

**11.** Бо мақсади тақвият бахшидани низоми назорати сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ва таҳияи **қоидаҳои санитарӣ**, ки ба мутобиқсозии **меъёрҳои** соҳа ба стандартҳои баланд равона шудаанд:

**то 1 июли соли 2025** барои таъмин намудани **лабораторияҳои** Кумитаи некӯаҳволии санитарӣ-эпидемиологӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ бо таҷҳизоти зарурӣ барои муайян кардани **миқдори равғанҳои транс дар таркиби маҳсулоти озуқаворӣ** чораҳо андешида шаванд;

**то 1 августи соли 2025 қоидаҳо** ва меъёрҳои **санитарӣ**, ки ҳаҷми ниҳоии истифодаи равғанҳои трансро дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ муайян менамоянд, ба талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо мутобиқ гардонда, барои риояи онҳо назорати қатъӣ ҷорӣ карда шавад.

Вазири тандурустӣ **А. Худаяров** масъули таъмини иҷрои бечуну чаро, босифат ва саривақтии ин банд муайян карда шавад.

**12.** Дар бобати таъмин намудани **муносибати эҳтиёткорона ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин таъмини устувории экологӣ** дар соли 2025 тавассути:

ноил шудан ба сарфаи иловагии солонаи **2,5 миллиард метри мукааб** об аз ҳисоби бетонпӯш кардани **1 ҳазор километр** каналҳо, инчунин фаро гирифтани **1,6 миллион гектар** бо технологияҳои сарфаи об;

кам кардани истеъмоли неруи барқ дар стансияҳои насосӣ то **300 миллион кВт** бо роҳи **иваз кардани насосҳо ва муҳаррикҳои кӯҳнашуда** ба таҷҳизоти муосири **сарфакунандаи неру**, инчунин такмили **ҳисоби захираҳои об** дар стансияҳои насосӣ;

беҳтар намудани таъминоти об барои **390 ҳазор** гектар заминҳои кишоварзӣ тавассути сохтмон ва бозсозии иншооти низомҳои обёрӣ ва мелиоратсионӣ;

ҷорӣ намудани низоми **ягонаи онлайнии ҳисоби** об дар каналҳои асосӣ ва иншооти калидии обӣ бо мақсади таъмини **ҳисоботи дақиқ ва пурра** аз истифодаи захираҳои обӣ;

сохтмон ва бозсозии шабакаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва канализатсия бо дарозии **1,8 ҳазор** километр, инчунин 77 иншооти таъминоти оби нӯшокӣ ва канализатсия;

иваз кардани **746 адад** дастгоҳи кӯҳнашудаи насосии низоми таъминоти оби нӯшокӣ бо таҷҳизоти сарфакунандаи неру, насби панелҳои офтобӣ бо иқтидори **65,2 мегаватт** дар минтақаҳо, инчунин насби **955 адад дастгоҳи** муосири **ҳисобкунии об** дар иншооти обӣ ва шабакаҳои лӯлаҳои обрасонии магистралӣ;

**мониторинги сифати** об ва таъсиси марказҳои идоракунии маълумот дар ҳамаи корхонаҳои таъминоти оби нӯшокӣ;

**тақвияти назорат аз болои партофтани** моддаҳои гуногуни ифлоскунанда ба дарёҳо, кӯлҳо ва каналҳо.

Вазири хоҷагии об **Ш. Ҳамроев**, вазири сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналӣ **Ш. Хидоятов**, вазири энергетика **Ҷ. Мирзамаҳмудов**, вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим **А. Абдуҳакимов** мутаносибан масъули таъмини иҷрои қатъӣ, босифат ва саривақтии ин банд муайян карда шаванд.

**13.** Бо дарназардошти пешниҳодҳои ҷомеаи васеъ, экофаъолони байналмилалӣ ва дохилӣ, Ҳизби экологии Ӯзбекистон, Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим:

**а)** татбиқи лоиҳаҳои нави зерин **дар шаҳрҳои Тошканд ва Нукус**, инчунин марказҳои вилоятҳо **аз 1 майи соли 2025** аз рӯи самтҳои зерин манъ карда шаванд:

истеҳсоли асбест ва семент, шлам ва шлакҳо;

корхонаҳои коркарди пӯст, паррандапарварӣ;

сӯзондани ҳар гуна ангишт бе муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоти самараноки ҷамъоварии чанг ва иншоотҳои газтозакунӣ;

заводҳои металлургияи сиёҳ ва ранга, истеҳсоли шиша, ки дар таркибашон иловагиҳои заҳрнок ва моддаҳои кимиёвии заҳролуд доранд;

корхонаҳои коркард ва сӯзондани партовҳое, ки ба **дараҷаҳои** хатарноки **I** ва **II** мансубанд.

б) сафарбарсозии тамоми қувва ва воситаҳо барои таъмини иҷрои **вазифаҳои** зерин **то охири соли 2025**:

маҳдуд кардани истифода ва фурӯши сӯзишвории автомобилии навъи АИ-80 бо таъмини аҳолӣ бо сӯзишвории босифат, аз лиҳози экологӣ тоза ва арзон;

манъи пурраи истифодаи мазут ҳамчун сӯзишворӣ дар корхонаҳои истеҳсоли энергияи гармӣ ва барқ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба истиснои ҳолатҳои истифодаи мазут ҳамчун сӯзишвории эҳтиётӣ **бо огоҳсозии** Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим ва бо мувофиқаи Девони Вазирон.

**в)** Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим **то 1 ноябри соли 2025** тарҳи қонунеро таҳия намояд, ки ҷорӣ намудани механизмҳои зеринро барои коҳиши партовҳои пластикӣ пешбинӣ мекунад:

ташкили низоми ҷамъоварӣ ва утилизатсияи чунин партовҳо тавассути таъсиси нуқтаҳои махсуси қабули партовҳои пластикӣ ва насби таҷҳизоти махсус ё ҷорӣ намудани **пардохти ҳаққи коркарди партовҳо**;

ворид намудани ӯҳдадориҳо барои истеҳсолкунандагони бастаҳои пластикӣ ва молҳо дар бастаҳои пластикӣ, инчунин воридкунандагони онҳо, аз ҷумла механизми **«бозгардондани зарфҳо»** ва фароҳам овардани имкониятҳо барои шаҳрвандон барои гирифтани маблағ барои ҳар зарфи пластикӣ, ки тавассути таҷҳизоти махсуси қабули партовҳо супорида мешавад.

Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим (А. Абдуҳакимов) дар ҳамкорӣ бо Вазорати иқтисод ва молия (И. Норкулов), Вазорати энергетика (Ҷ. Мирзамаҳмудов), Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо (Л. Қудратов) ва хокимиятҳои маҳаллӣ **то 1 октябри соли 2025** ба Девони Вазирон **пешниҳодҳои асоснокро оид ба** аз шаҳрҳои Тошканд ва Нукус **кӯчонидан** ва навсозии тадриҷии корхонаҳои дар самтҳои дар зербанди «а» зикршуда амалкунанда, инчунин корхонаҳое, ки сатҳи баланди истеъмоли энергия доранд, тақдим намоянд.

**14.** Бо мақсади маҳдуд кардани таъсири манфии фаъолияти истеҳсолӣ ва шаҳрсозӣ, хидматрасонӣ ба муҳити зист бо истифода аз **дастовардҳои илм ва технологияҳои муосир:**

**аз 1 августи соли 2025** тартиби қабули меъёрҳо ва қоидаҳои экологӣ, ки ҳамчун санадҳои танзими техникӣ амал мекунанд, ҷорӣ карда шавад;

**аз 1 октябри соли 2025** дар бахши энергетика, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва саноати кимиё ба ҷои усули инфиродӣ, **усули соҳавии муайян кардани меъёрҳои** экологӣ татбиқ карда шавад;

**аз 1 январи соли 2026** мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳое, ки саҳми давлат дар онҳо зиёда аз 50 фоизро ташкил медиҳад, уҳдадор карда шаванд, ки стандартҳои ошкоро нашр кардани маълумотро дар соҳаи рушди устувори Шӯрои стандартҳои байналмилалии рушди устувор (ISSB) ба фаъолияти худ ворид намоянд.

Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим (А. Абдуҳакимов) бо ҷалби коршиносони пешбари байналмилалӣ ва дохилӣ бояд **дар муҳлати се моҳ** ба Девони Вазирон **барномаи таҳияи меъёрҳо ва қоидаҳои** экологиро пешниҳод намояд, ки ҳадафи он коҳиш додани сатҳи ифлосшавии ҳаво, замин, обҳои зеризаминӣ ва захираҳои обӣ мебошад.

Муовинони Сарвазир **Ҷ. Кӯчқоров** ва **Ҷ. Хоҷаев** бояд маблағгузории Бунёди экологияро дар ҳаҷми **25 миллиард сӯм** аз ҳисоби муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва буҷаи давлатӣ ҷиҳати дастгирии стартап-лоиҳаҳо оид ба татбиқи чорабиниҳо, ки ба ҳифзи муҳити зист, махсусан **мубориза бо биёбоншавӣ**, сабуксозии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва **истифодаи самараноки** захираҳои обӣ нигаронда шудаанд, таъмин намоянд.

**15**. Бо дарназардошти пешниҳодҳои ҷомеаи васеъ, фаъолони экологии байналмилалӣ ва дохилӣ, ҷомеаи илмӣ дар соҳаи экология, инчунин бо мақсади **ҳифзи қабати ҳосилхезии хок** ва нигоҳдории минтақаҳои сабз:

**аз 1 июли соли 2025** барои бетоникунии ғайриқонунӣ, сохтмони биноҳо ва насби иншоот дар ҳудудҳои маҳаллаҳои биноҳои баландошёна, ки бо хок ва гиёҳҳои сабз пӯшонида шудаанд, ҷавобгарӣ пурзӯр карда мешавад;

**аз 1 августи соли 2025** ташкилотҳои сохтмонӣ, ки истеҳсоли хишти пухтаро қатъ намуда, ба истеҳсоли **масолеҳи деворӣ** (пеноблокҳо, газоблокҳо) гузаштаанд, дар платформаи «Шаффофқурилиш» ба мақсади ҳавасмандгардонии гузариш ба истифодаи васеи технологияҳои муқобил **афзалият** дода мешавад;

**аз 1 январи соли 2026** ҳангоми истеҳсоли хишти пухта ва хоми сохтмонӣ, **андоз барои истифодаи қаъри** замин нисбат ба меъёри соли 2025 **ду баробар** зиёд карда, **аз соли 2027** минбаъд тадриҷан афзоиш дода мешавад;

**аз 1 январи соли 2027 фаъолияти конҳои қуми** дар заминҳои кишоварзӣ, таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, фароғатӣ, таърихию фарҳангӣ, ҷангал ва захираҳои обӣ манъ карда мешавад, **то захираҳои замин ҳифз гардида, қабати ҳосилхез нигоҳ дошта шавад**;

ҳангоми тарҳрезӣ, сохтмон ва ба истифода супоридани биноҳои баландошёна насби низоми истифодаи **оби партов, боронӣ ва техникии обёрӣ** ҳатмӣ мегардад.

**16.** Ба Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо (Л. Қудратов), Вазорати энергетика (Ҷ. Мирзамаҳмудов), Вазорати иқтисодиёт ва молия (И. Норкулов), Вазорати сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналӣ (Ш. Хидоятов), Агентии танзими техникии Ӯзбекистон (А. Ҷуманазаров), Палатаи савдо ва саноат (Д. Ваҳобов) супориш дода шавад, ки **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон барномаеро оид ба афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва истифодаи васеи **масолеҳи сарфакунандаи энергия** дар кишвар пешниҳод намоянд.

**17.** Дар самти **ҳифз, барқарорсозӣ ва расонидани олами наботот ва ҳайвонот ба наслҳои оянда аз 1 сентябри соли 2025** тартиби додани квотаҳои барои ҷамъоварӣ ва захира намудани рустаниҳои худрӯй тасдиқшуда ва **иҷозатномаҳо барои истифодаи** махсуси объектҳои наботот тавассути музоядаи электронӣ ҷорӣ карда шавад. Дар ин раванд:

**квотаҳо** аз ҷониби Академияи илмҳо бо назардошти захираҳои **ҳарсолаи** рустаниҳо муайян карда мешаванд;

квотаҳо ва иҷозатномаҳо аз ҷониби Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим **тасдиқ ва ба музояда гузошта мешаванд**.

Вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим **А. Абдуҳакимов** масъули таъмини иҷрои босифат ва саривақтии ин банд муайян карда шавад.

**18.** Бо мақсади ҳавасмандгардонии амали корхонаҳое, ки ба категорияи **I** ва **II** вобаста ба таъсир ба муҳити зист мансубанд, **барои гузариш ба истеҳсолоти экологӣ аз 1 августи соли 2025** тартиби зерин ҷорӣ карда шавад:

**а) дар марҳилаи аввал** – барои корхонаҳое, ки **истгоҳҳои мониторинги пасзаминавии** ифлосшавии ҳавои атмосфераро насб кардаанд:

**даст кашидан аз қарзҳое**, ки аз **пардохтҳои ҷубронӣ** барои зарари ба табиат расонидашуда ба вуҷуд омадаанд;

дар тӯли **ду сол** баргардонидани **то 50 фоизи пардохтҳои ҷубронӣ** барои зарари ба табиат расонидашуда, ки ба буҷаи ҷумҳуриявӣ равона карда мешаванд.

**б) дар марҳилаи дуюм** – барои корхонаҳое, ки истгоҳҳои мониторингро насб карда, дар давоми як соли оянда **таҷҳизоти ҷамъоварии чангу газ ва обтозакунии маҳаллиро** насб менамоянд, дар тӯли **ду сол то 70 фоиз баргардондани пардохтҳои ҷубронӣ** барои зарари ба табиат расонидашуда, ки ба буҷаи ҷумҳуриявӣ равона карда мешаванд.

Дар ин ҳолат, **имтиёзҳои** пешбининамудаи ин банд **дар асоси хулосае** дода мешаванд, ки аз ҷониби Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим тавассути марказҳои хизматрасонии давлатӣ ё Портали ягонаи интерактивии хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод мегардад.

**в)** ба Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим супориш дода мешавад, ки **то 1 ноябри соли 2025** лоиҳаи қонунро оид ба ҷорӣ намудани низоми ҳатмии суғуртаи зарари экологие, ки аз ҷониби корхонаҳо ва ташкилотҳои фаъолияти хоҷагидорӣ расонида мешавад, таҳия намояд.

Ба Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон **А. Арипов** супурда шавад, ки **дар муҳлати ду моҳ** барномаеро оид ба пешгирии ифлосшавии ҳавои атмосфера дар ҷумҳурӣ тасдиқ намояд, аз ҷумла насби марҳилавии **таҷҳизоти тозакунии чангу газ ва тозакунии маҳаллии обро** дар корхонаҳои саноатӣ ва гармхонаҳо пешбинӣ намуда, аз болои иҷрои он назорати қатъӣ муқаррар намояд.

**19. Аз 1 сентябри соли 2025** платформаи додани мақоми **«соҳибкори сабз»** ба субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монда шавад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

**а)** додани мақоми **«соҳибкори сабз»** ба субъектҳои соҳибкорие, ки **нишондиҳандаҳоро** дар самтҳои зерин иҷро намудаанд:

**кабудизоркунӣ**, аз ҷумла ташкили «камарбанди сабз» дар атрофи корхонаҳо, насби системаҳои обёрӣ, ҷорӣ намудани усулҳои обёрии қатрагӣ, боронӣ ва контейнерӣ (халтагӣ);

**таъмини сарфаи энергия**, аз ҷумла ҷорӣ намудани таҷҳизот ва технологияҳои каммасрафи энергетикӣ;

**кам кардани таъсири корхонаҳо ба муҳити зист**, аз ҷумла, пешгирии ҳуқуқвайронкунии экологӣ, ҷорӣ намудани низоми мониторинги онлайни партобҳо ба атмосфера;

татбиқи тамоюли **роҳандозии иқтисодиёти сиркулярӣ** («7R») дар истеҳсолот;

**б)** барои соҳибкороне, ки мақоми «тадбиркори сабз»-ро гирифтаанд, истифодаи **чораҳои зерини дастгирӣ**:

афзалият додан ба платформаи **«Сохтмони шаффоф»**;

ба муҳлати муайян озод кардан аз **санҷишҳои экологӣ**;

дастгирии ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ;

пешниҳоди холҳои иловагӣ дар доираи **Рейтинги устувории субъектҳои соҳибкорӣ**.

**20.** Бо мақсади ҳавасмандгардонии истифодаи васеъ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия аз ҷониби аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ аз 1 апрели соли 2025 барои неруи барқ, ки аз ҳисоби утилизатсияи партовҳо ва манбаъҳои шамолу офтоб истеҳсол мешавад, **«тарифҳои сабз»** ҷорӣ карда шаванд. Дар ин маврид:

барои неруи барқе, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ тавассути истифодаи партовҳо ва биогаз истеҳсол шудаанд, инчунин, ба ташкилотҳое, ки аз дастгоҳҳои барқии шамол ва офтобии дар ҳудуди корхона насбшуда тавлид мешавад;

барои неруи барқ, ки аҳолӣ аз офтоб ҳосил карда, қисми аз эҳтиёҷот барзиёдашро ба давлат мефурӯшад, тарифҳои имтиёзнок муқаррар карда мешаванд.

**21. Оид ба маблағгузории устувори** лоиҳаҳое, ки ба декарбонизатсияи иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд:

**а) то 1 декабри соли 2025** аз рӯйи ташаккули низоми **«маблағгузории сабз»** дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон **барномаи миллӣ** таҳия карда шавад;

**б)** аз соли 2025 **ҷиҳати ҷалби кредит ва грантҳои имтиёзнок барои дастгирии лоиҳаҳои рушди сабз ва камкарбон аз манбаъҳои зерин** чораҳо андешида шаванд:

аз **Бонки аврупоии таҷдид ва рушд** – марҳила ба марҳила то **200 миллион евро**;

аз Бонки ҷаҳонӣ –барои кам кардани эмиссияи метан дар бахши энергетика **10 миллион доллари амрикоӣ**;

тавассути **Институти глобалии рушди сабз** дар доираи кумаки техникии Агентии ҳамкории байналмилалии Корея – барои таҳкими «ҳамкории сабз» миёни Ӯзбекистон ва Корея **6,5 миллион доллари амрикоӣ**;

дар доираи **лоиҳаи «iCRAFT»-и Бонки ҷаҳонӣ** – аз ҳисоби фурӯши **500 ҳазор** тонна газҳои ихтисоршудаи гармхонаҳо **7,5 миллион доллари амрикоӣ**;

аз **Ҷамъияти ҳамкории байналмилалии Олмон** барои «сабз» кардани саноат ва кам кардани газҳои зароровare, ки аз корхонаҳои истеҳсоли кислотаи азотӣ ба атмосфера мебароянд, **20 миллион евро**;

**в) то сентябри соли 2025** тартиби арзёбии лоиҳаҳои миллии «иқтисодиёти сабз», ки ба таъмини **шаффофият дар татбиқи лоиҳаҳои «иқтисоди сабз»** нигаронида шудаанд, **татбиқ карда шавад**;

**г) то ноябри соли 2025** тавассути ворид намудани лоиҳаҳои нав дар асоси **шарикии давлат ва бахши хусусӣ** ба маблағи зиёда **аз 10 миллион доллари амрикоӣ** дар платформаи байналмилалии «Source», амалияи **арзёбии «компонентҳои сабз»**-и лоиҳаҳо ва мутобиқати онҳо ба **мақсадҳои рушди устувор** роҳандозӣ шавад;

**д)** бо **кумаки техникии** Иттиҳоди Аврупо таҳияи нақшаи ҳаракатҳо оид ба рушди камкарбон дар шаҳрҳои Бухоро, Намангон, Нукус, Урганч ва ноҳияи Ғузор, инчунин, афзунсозии **самаранокии барқ дар 10 объекти иҷтимоӣ** таъмин карда шавад.

Барои таъмини иҷрои бечунучаро, сифатнок ва саривақтии банди мазкур муовини Сарвазир **Ҷ.Кӯчқоров** масъул таъин карда шавад.

**22.** Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2025 дар робита ба минтақаҳое, ки барқарории экологӣ ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавиро таъмин мекунанд:

**аз соли 2025** дар **15 фоизи** барномаҳои сармоягузорӣ, лоиҳаҳои нав, ки оид ба рушди шабака, соҳа ва минтақаҳо ташаккул меёбанд, аз соли 2027 дар **30 фоиз** ва аз соли 2030 дар **55 фоизи** онҳо бояд **«компонентҳои сабз»** ҷой дошта бошанд;

**«Барномаҳои сабз»**-е, ки аз ҷониби мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ барои **ноил шудан ба бетарафии карбон, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист, афзунсозии сатҳи кабудизоркунӣ** ва татбиқи **«лоиҳаҳои сабз»** таҳия шудаанд, дар асоси мувофиқа бо Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим тасдиқ карда мешаванд;

ҳамасола **рейтинги экологии мақомоти давлатӣ** ва **объектҳои иҷтимоӣ** аз рӯйи кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳо ва ҷорӣ намудани **«технологияҳои сабз»** тартиб дода мешавад.

**23.** Бо мақсади ташкили босамари корҳо бобати ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳо, **такмил додани фаъолияти мақомоти ҳудудии давлатӣ ва ташкилотҳо** дар ин самт:

***(Давомаш дар саҳ.3).***

# ЧОРБАКР МАҚОМИ ДЕҲАИ САЙЁҲИРО МЕГИРАД



***Ёдгории таърихии Чорбакр дар масофаи 6 километр дуртар аз шаҳр – болои роҳи «Бухоро – Ҷондор» воқеъ гардида, дар ҳудуди деҳаи Сумитани, ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шергирон»-и ноҳияи Бухоро арзи вуҷуд кардааст. Мегӯянд, ки ин ёдгорӣ бо номи яке аз хоҷагони Ҷӯйбор Абӯбакри Саъд (асри IX-X) алоқаманд аст. Вай қозиюлқузот, устоди бузурги қозиёни Бухоро буд. Бобати рушди илми фиқҳ, яъне ҳуқуқи ислом хидматҳои арзанда кардааст. Соли 970 вафот мекунад. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки мадрасаҳо дар асри X ба вуҷуд омадаанд. Мадрасаҳои Абӯҳафси Кабир, Имом Муслиҳиддин, Фаржак, Калобод ва Муҳаммад ибни Фазл аз ҷумлаи аввалин масканҳои илмомузӣ дар Бухоро ба шумор меравand. Дар Чорбакр, ки замоне Сумитан ном дошт, Абӯбакр ибни Фазл корҳои оғознамудаи Абӯбакр Саъд Сумитаниро идома дода, дар он ҷо мадраса бунёд кардааст. Ин анъана ба туфайли хидматҳои Абӯбакр ибни Тархон, Абӯбакр ибни Ҳомид давом мекунад.***

Мутаассифона, дар натиҷаи истилои муғулҳо мероси маънавии халқамон, аз ҷумла асарҳои олимону фозилони бухороӣ аз байн рафта, то замони мо нарасидаанд. Мегӯянд, ки истилогарони бераҳм асарҳои нодири китобхонаҳои машҳури давлати Сомониёнро, ки дар Бухорою Марв мавҷуд ва маҳфуз буданд, ба коми оташ ва дарёи Ому афкандаанд.

Дар давраи ҳукмронии Абдуллохон ибни Искандархон шаҳри Бухоро ва гирду атрофи он аз нав обод мешавад. Масҷиду мадрасаҳои зиёд бунёд мегарданд. Аз ҷумла маҷмӯи ёдгориҳои таърихие, ки бо номи Чорбакр то замони мо омада расидааст, дар асри XVI сохта шудааст. Хоҷа Исломи Ҷӯйборӣ, ки устоди маънавии Абдуллохони II маҳсуб меёфт, аз авлоди Абӯбакр ибни Саъд ва соҳиби ҳудуд буд.

Азбаски масҷид таърихи зиёда аз ҳазорсола дораду чор донишманди бузург: Абӯбакр ибни Саъди Сумитанӣ, Абӯбакр ибни Фазл, Абӯбакр ибни Тархон, Абӯбакр ибни Ҳомид дар ин ҷо баҳри рушди илму маърифат хидматҳои арзанда ва шогирдони зиёд тайёр кардаанд, маҷмӯъ Чорбакр ном гирифтааст. Фатвои дар ин ҷо қабулшуда барои вилоятҳои дигар низ эътибор доштааст. Азбаски маҷмӯъ ба шаҳри Бухоро наздик ва аз ғалоғулаҳо берун аст, дар ин ҷо қариб 800 нафар қориён ба воя расидаанд. Дар хазира (қабр)-ҳои оилавии ин ҷо бисёр одамони бузурги Бухоро, аз ҷумла Абӯбакри Саъду Абӯбакри Фазл, ҳафт қозии Бухоро ва дигарон гӯронда шудаанд.

Масҷидҳои Чорбакрро бо дарназардошти фаслҳои сол бо усули «Хатаба» чунон сохтаанд, ки мусоидати ҳаво таъмин мегардад. Бинобар гуфтаи имом-хатиби масҷид, доктори илм Азизхӯҷа Иноятов ин услуб дар Осиёи Миёна ягона будааст.

Абдуллохони II дар ин ҷо ҳарами худро низ сохта, рӯзи чоршанбе ба он омада, рӯзи ҷумъа баъди намоз боз ба Арк бармегаштааст. Аз сабаби он, ки дар байни Чорбакр ва қасри шоҳӣ боғу чорбоғҳо буданд, мавзеъ «Хонобод» ном гирифтааст.

Замоне Чорбакр низ хароб гардид, танҳо соли 1989 дари масҷидро аз дигар кушодаанд.

Солҳои 1999 ва 2005 маҷмӯи ёдгорӣ таъмир ва таҷдид шудааст. Ин ёдгорӣ дар ноҳияи Бухоро қадимтарин иншооти таърихӣ буда, чун мӯъҷизаи асроромезе боқист.

Мувофиқи қарори Президент аз 5 декабри соли 2024 «Дар бораи тадбирҳои иловагии рушди соҳаи саноат ва хидматрасонӣ дар вилояти Бухоро» деҳаи Чорбакри ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шергирон»-и ноҳияи Бухоро ба рӯйхати маҳаллаҳое ворид карда шуд, ки бояд мақоми деҳаи сайёҳиро гиранд. Мавриди таъкид аст, ки масоҳати деҳа аз 63,3 гектар иборат буда, дар он 1171 нафар аҳолӣ зиндагӣ доранд.

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шергирон» аз 10 деҳа иборат аст, шумораи аҳолӣ тақрибан 10 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Забони гуфтугӯии онҳо тоҷикист. Тавре ки таъкид ёфт, номи қадимии ҳудуд Сумитан буда, он дар «Ғиёс-ул-луғот» «бофандагони матои пашмин» маънидод шудааст. Дар асри X ба Сумитан тавассути дарвозаи «Ходшарун»-и шаҳрӣ мерафтаанд. Ин дарвоза дар асри XV-XVI Талипоч, яъне «Баландии хон» ном гирифтааст.

Чемпиони ҷаҳон оид ба самбо Тӯрабек Исмоилов, чемпиони ҷаҳон оид ба таэквандо Таҳмина Ҳасанова, доктори илмҳои тиб Дилбар Ҳоҷиева аз ҷумлаи шахсони обрӯманд, ифтихори маҳалла мебошанд.

Мо бо раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳалла Баҳриддин Расулов ва фаъоли занону духтарони он Лобар Фаттоева суҳбат кардем.

– Ба қарибӣ мо ба мақсади омӯхтани имкониятҳои сайёҳии деҳа ва созмон додани иншооти иловагии намоишдиҳӣ, инчунин ба муносибати амалӣ сохтани талаботи қонун бобати мақоми деҳаи сайёҳӣ гирифтани Чорбакр якҷо бо ёвари ҳоким, роҳбаладӣ ҷавонон, инспектори «ҳафтгона»-и маҳалла машварат кардем, – гуфт раиси он Б. Расулов. – Дар он ҷараёни корҳои таъмиру бунёдкорӣ, бо кор таъмин кардани занону духтарони ҳунарманд, таҷдиди иморатҳои кухна, беш аз 20 тарабхонаву нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ, меҳмонхонаҳои бунёдшудаистода баррасӣ шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Дар нигористон*

# ХАТТОТӢ ВА ХУШНАВИСӢ

***Дар музейи ба номи Камолиддин Беҳзоди пойтахт намоиши санъати хаттотӣ ва хушнависии Алиашраф Сандуқободӣ ва Афсона Шаҳбозӣ ба вуқӯъ пайваст.***

Ин намоиш, ки дар якҷоягӣ бо бахши фарҳанги сафорати Эрон дар Ӯзбекистон ва Академияи бадеии ҷумҳурӣ ташкил гардид, мавриди таваҷҷӯҳи хаттотон ва хушнависон қарор гирифт.

– Анҷумани хаттотони Эрон беш аз 1,5 млн. нафарро муттаҳид намудааст, – мегӯяд хаттот Алиашрафи Сандуқободӣ. – Беш аз 300 маркази хаттотӣ дорем, ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷумҳуриамон фаъолият доранд.

Дар маросими кушоиши намоишгоҳ гуфта шуд, ки бинобар таваҷҷӯҳи зиёд аз ҷониби ҳамкасбони ӯзбекистонӣ ва алоқамандони хаттотиву хушнависӣ дар Тошканд ва ё марказҳои дигари Ӯзбекистон имкони созмон додани чунин марказҳои муштарак вуҷуд дорад.

Инчунин пешниҳод шуд, ки дар доираи намоишгоҳ барои донишҷӯёни алоқаманди нусахи хаттӣ дарсҳои маҳорат ташкил карда шаванд,



Матн ва сурати **Т. ХОВАРӢ.**

# ЧАРО ҶАВОНОН ДАР СОҲАИ ИНТИХОБКАРДАИ ХУД МУВАФФАҚ НАМЕШАВАНД?

*Минбари донишҷӯӣ*

***Алҳол торафт бештар хатмкунандагони мактабҳои таълими ҳамагонӣ саъй менамоянд, ки соҳиби маълумоти олӣ шаванд. Довталабон ба интихоби касб эътибори ҷиддӣ медиҳанд, ихтисоси хушкардаи худро бо шавқу рағбати зиёд меомӯзанд ва ба дурустии соҳаи интихобкардаи хеш шубҳае надоранд. Вале...***



Гап дар сари он аст, ки пасон миқдори зиёди онҳо мувофиқи касбу пешаи интихобкардаашон, ки дар мактаби олӣ аз худ карданд, кор намекунанд, чаро? Аксарияти мактаббачагон, ҳанӯз ҳангоми дар синфҳои болоӣ хондан, касби ояндаи худро интихоб мекунанд ва пайи ин мақсад фанҳои ҳамон соҳаро мустақиман меомӯзанд. Қисми боқимондаи толибилмон бошанд, дар интихоби соҳа ё пешаи минбаъдаи худ дар дуроҳаву сероҳа мемонанд, намедонанд ба кадоме роҳ пеш гиранд, чӣ касберо интихоб кунанд.

Ин гурӯҳи донишомӯзон, яъне онҳое, ки дар интихоби соҳа саргаранг мондаанд, ахиран касби ояндаи худро на аз нуқтаи назари «хости дил», балки аз мавқеи «кадоме обрӯмандтару сердаромадтар» интихоб менамоянд.

Онҳо андеша намекунанд, аз чӣ бошад фаромуш месозанд, ки танҳо мутахассиси хубу доно маблағ, музди зиёд ба даст меоварад. Яъне агар корҷӯ соҳиби дипломи «бонуфуз» бошаду дониши ночиз, ногузир ба бисёр мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, ки метавонанд ҳаёти касабавии ӯро хеле мураккаб кунанд. Надоштани дониши касбӣ ба пешрафт ва истиқбол монеа мегардад, ҳарчанд дар ибтидо соҳиби вазифа ҳам шавад. Зеро бидуни донишу таҷрибаи шахсӣ ба зинаҳои баландтари мартаба муваффақ шудан, ҳамчунин даромади бештар гирифтан ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа аз назари ҷамоаи худ берун мемонад, ки ин истиқболи баъдинаро душвор месозад.

Кордиҳандагон ҳамеша аз пайи дарёфти мутахассиси соҳибилму соҳибтаҷриба мешаванд, мавҷудияти танҳо диплом корро дар ҷомеа кафолат намедиҳад. Коргузорон фақат шаҳодатномаи дониш не, балки боз донишу кордонии воқеиро тақозо мекунанд. Аз ин рӯ пайдо кардани коре, ки мувофиқи матлаб бошад, мушкил мегардад.

Кор бинобар ихтисос бидуни дониши зарурӣ метавонад ба обрӯ таъсири манфӣ бирасонад. Агар ҳамкорон ва роҳбарон пай баранд, ки коркуни нав кору вазифаи худро уҳда намекунад, ин нисбати вай таассуроти мутахассиси ноуҳдабарорро ба миён меоварад, ки бартараф кардани он душвор аст.

Набудани дониш ва таҷриба имкон дорад зиддиятҳои дохилӣ, норизоӣ аз фаъолияти касбии худро ба миён оваранд. Ин боиси коҳишёбии рағбатнокӣ ва оқибат бемуваффақиятӣ дар ҷойи кор шуда метавонад.

Барои ҳаллу фасли ин мушкилот метавон саъю кӯшиш намуд. Пеш аз ҳама, бояд тахассуси касбиро дар мактаб ва пасон дар мактаби олӣ дарк кард.

Донишҷӯёнро лозим аст оид ба касбу пешаи интихобкардаашон маълумоти аниқу дақиқ ва кофӣ дошта бошанд. Ҳамчунин бояд таъкид сохт, ки таҷрибаомӯзӣ ва амалиёт барои ҷавонон имконияти бағоят хуби коромӯзист.

Хулоса, мавҷудияти диплом ин ҳанӯз алифбои кор аст.

Барои дар соҳаи худ комёб шудан рушди пешрафти муттасил зарур мебошад. Ҳамчунин бояд ба худомӯзӣ ва таҷрибаи амалӣ эътибор дод.

Ин қадр ва баҳои коркуни ҷавонро дар бозори меҳнат зиёд мекунад.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли сеюми**
**Донишгоҳи давлатии**
**забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон,**
**таҷрибаомӯз.**

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ «ӮЗБЕКИСТОН – 2030» ДАР «СОЛИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ»

**(Аввалаш дар саҳ.1, 2).**

ба раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар асоси мувофиқа бо Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим аз ҳисоби маблағҳои грантии институтҳои молиявии байналмилалӣ **мушовир (консултант)-ҳо оид ба масъалаҳои экология ва «рушди сабз»** ҷалб карда шаванд;

**аз 1 сентябри соли 2025** амалиёти таҳияи **шиносномаҳои экологӣ** ва **нақшаҳои мастерии экологӣ** дар сатҳи ноҳия (шаҳар), инчунин **рейтингҳои** экологии **минтақаҳо** ва **тақдими онҳо ба намояндагони ҷамъиятӣ** роҳандозӣ шавад.

Барои **ҳамоҳангсозии фаъолияти мушовирони** ҷалбшуда Вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим А.Абдуҳакимов масъул таъин карда шавад.

**24.** Зеринҳо:

**а)** Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон (Қ. Қуронбоев) инҳоро таъмин намоянд:

дар муҳлати як ҳафта **дар қиёси ноҳия ва шаҳрҳо** пешниҳоди **барномаи шинонидани ниҳоли дарахтонро дар маҳаллаҳо, инчунин коштани гул ва қаламчаҳои онҳоро дар хонадону кӯчаҳо** дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар соли 2025 ба Девони Вазирон;

дар баҳору тирамоҳи соли 2025 дар кӯчаҳои дохилӣ ва хонадонҳои тамоми маҳаллаҳои ҷумҳурӣ шинонидан ва парвариш кардани 32 миллион бех дарахтони **мевадиҳанда** ва **ороишӣ**, **бутта**ҳо, инчунин, **райҳон, гултоҷ, садбарг** ва дигар гулҳо, **қаламчаҳои** онҳо;

бо мақсади татбиқи меъёрҳои **«Хонадони обод», «Кӯчаи обод»** ва **«Маҳаллаи обод»**, аз 10 феврал то 10 марти соли 2025 ташкили босамари корҳои ободонӣ ва сабзазоркуниро дар ҳар як **хонадон, кӯча** ва **қабристонҳо**;

якҷоя бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд то фарорасии ҷашни Наврӯз дар байни маҳаллаҳо **гузаронидани озмун-азназаргузарониҳои «Хонадони обод», «Кӯчаи обод»** ва **«Маҳаллаи обод»**.

Аз ҳисоби маблағҳои **Фонди ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии маҳалла**, сарпараст ва хайрия амалӣ кардани чорабиниҳои дар ин банд пешбинишуда муқаррар карда шавад;

**б)** Сарпрокуратура (Ш. Тохтабоев) якҷо бо Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон (Қ. Қуронбоев) **назорати қатъиро аз болои сари вақт ва босифат иҷро шудани** тадбирҳои дар банди мазкур пешбинишуда тавассути боздид аз маҳалҳо таъмин намоянд.

**25. Аз 1 сентябри соли 2025** ҳангоми тасдиқ ва ё аз вазифа озод кардани Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва ноҳия(шаҳр)-ҳо аз рӯйи муайян кардани нишондиҳандаҳои зерини экологӣ **аудити экологӣ** гузаронида шавад:

сатҳи бо **сабза** ва **ҷангал** фарошудаи ҳудуд ва майдони ҷангалҳову минтақаҳои табиии ҳифзшаванда;

шумораи дарахтони минтақа;

сатҳи бо камарбандҳои **сабз иҳота гардидани** шаҳрҳо ва корхонаҳои бузурги саноатӣ;

**вазъи қуму шағали** ҳавзаҳо ва соҳилҳои дарё;

**миқдори партобҳо** ба атмосфера ва сатҳи нотозагии ҳаво;

вазъи насби стансияҳои мониторинги пасманзари нотозагии ҳавои атмосфера дар корхонаҳое, ки аз рӯйи таъсир ба муҳити зист ба тоифаҳои **I ва II** мансубанд, гузошта шудани дастгоҳҳои тозакунандаи чангу газ ва об;

доираи фарогирии аҳолӣ бо хидмати партобкашонӣ, вазъ ва сатҳи сифати хидматрасонӣ дар шохобчаҳои ҷамъоварии партов ва таъмини онҳо бо контейнерҳо;

**26.** Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим (А.Абдуҳакимов) **дар муҳлати як моҳ** лоиҳаи санади меъёрӣ-ҳуқуқиро дар бораи такмили тартиби татбиқи назорат ва санҷиши давлатии экологӣ, комилан беҳтар кардани самаранокии фаъолияти Нозироти давлатии назорати экологӣ, таъмин кардани кормандони он бо техника ва наклиётӣ махсус ба Девони Вазирон пешниҳод намояд.

**27.** Бо мақсади минбаъд пурзӯр намудани назорати парламентӣ ҷиҳати истифодаи **самаранок ва оқилонаи** маблағҳои буҷети давлатӣ амалияи пешниҳоди ҳамаи **ҳисоботҳои** Ҳукумат **оид ба Буҷети давлатӣ** ба Палатаи қонунгузорӣ якҷоя бо **хулосаи аудити берунии** Палатаи ҳисоб ба роҳ монда шавад.

**28.** Муовини Сарвазир **Ҷ.Хоҷаев**, Вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим **А.Абдуҳакимов**, муовини якуми Вазири иқтисод ва молия **И.Норкулов** ҷиҳати **ҷалби 500 миллион доллари амрикоӣ сармояҳо** барои бунёди **маҷмааҳои сайёҳӣ иборат аз хонаҳои «апарт-отел», «капсула» ва дигар манзилҳои истиқоматии** монанди онҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ, обанбор, ҳавз ва соҳилҳои дарё, ки иқтидори хуби сайёҳӣ доранд, тадбирҳо андешанд.

**29.** Бо мақсади **истифодаи самаранокӣ** заминҳои кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо **даромади доимӣ**:

то 1 марти соли 2025 ба тариқи озмоишӣ **қитъаҳои замини интихобшуда**, бидуни вайрон кардани якпорчагии контурҳо ва системаи обёрӣ, дар ҳаҷми **аз 3 то 50 гектар** дар асоси низоми нав, ки ба озодии иҷоракорон ва **парвариши зироатҳои дорои арзиши баланди иловагӣ асос ёфтааст**, бояд тавассути музояда ҷудо карда шаванд;

бо мақсади гузаронидани таҳлилҳои агрохимиявии хок хариди **10-то** лабораторияи портатив-мобилӣ таъмин карда шавад;

майдони заминҳое, ки **маҳсулоти органикии кишоварзӣ** парвариш карда мешавад, ба **10 ҳазор гектар** расонида шавад.

Вазири кишоварзӣ И.Абдураҳмонов барои таъмини иҷрои банди мазкур масъул таъин гардад.

**30.** Вазири технологияҳои рақамӣ (Ш.Шерматов) якҷоя бо Вазири адлия (А.Ташкулов) **аз 1 октябри соли 2025** дар хидматрасониҳои давлатӣ **пурра ба шакли электронӣ гузаронидани** гардиши ҳуҷҷатҳоро, ки дар шакли коғаз ҳастанд, таъмин намоянд.

**31**. Дар доираи **Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи Ӯзбекистон-2030 дар «Соли ҳифзи муҳити зист ва «иқтисодиёти сабз»** (минбаъд – Барномаи давлатӣ) зеринҳо мувофиқи замимаҳои 1-21 тасдиқ карда шаванд):

**Нақшаи чорабиниҳои амалии** барои соли 2025 пешбинишуда;

**Рӯйхати лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ**, ки дар соли 2025 таҳия мегарданд;

**Нишондиҳандаҳои мақсадноки** барои соли 2025 пешбинишуда;

Нақшаи **чорабиниҳо**, ки дар соли 2025 **дар самти ҳифзи муҳити зист бояд аз ҷониби вазорат ва идораҳо дар навбати аввал амалӣ шаванд;**

Нақшаи **татбиқи чорабиниҳо дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист** дар соли 2025;

Нақшаи чорабиниҳои татбиқи **барномаи «Туризми сабз»** дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Нақшаи ҷорӣ намудани **манбаъҳои барқароршавандаи энергия** дар минтақаҳо дар соли 2025;

Нақшаи **шинондани дарахтон дар маҳаллаҳо дар фасли баҳор ва тирамоҳи** соли 2025 дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз»;

Нақшаи **шинондани гул ва қаламчаҳо дар хонадон ва кӯчаҳои дохилии маҳаллаҳо** дар мавсими баҳори соли 2025.

**32.** Сарпрокуратура (Ш. Аминов) таъмини иҷрои нақшаи насби дастгоҳҳои барқароршавандаи энергияи дорои тавоноии хурдро, инчунин ҳангоми гузоштани панелҳои офтобӣ ва гелиоколлекторҳо **риоя ба талаботи қонунгузориро қатъиян назорат** намояд.

**33.** Муқаррар карда шавад, ки:

Иҷрои **бечунучаро, босифат ва пурраи** Барномаи давлатӣ **вазифаи устувору аввалиндараҷаи** мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои тамоми сатҳҳо маҳсуб меёбад;

роҳбарони мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ барои **ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки** дар Барномаи давлатӣ **барои ҳар семоҳа** муқарраршуда **дар самт ва минтақаҳои** дахлдор, **татбиқи самараноки** чорабиниҳои пешбинишуда, инчунин **сари вақт ва пухта** таҳия намудани лоиҳаҳои **санадҳои меъёрии ҳуқуқии** зарурӣ шахсан масъул мешаванд.

**34.** Зеринҳо:

Вазорати адлия якҷоя бо Палатаи ҳисоб **иҷрои нақшаҳои чорабиниҳои амалӣ, ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок ва таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро** дар доираи Барномаи давлатӣ аз рӯйи самтҳо мунтазам мониторинг намояд;

Маркази «Стратегияи тараққиёт» ва Ҷунбиши «Юксалиш» **ба маҳалҳо баромада, бо назардошти афкори ҷамъиятӣ** татбиқи Барномаи давлатиро аз нигоҳӣ танқидӣ омӯзанд ва оид ба натиҷаҳо **ҳар моҳ** ба Администратсияи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ахборот пешниҳод кунанд;

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорат ва идораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллии иҷро ба фаъолияти **Маркази «Стратегияи тараққиёт»** ва **Ҷунбиши «Юксалиш»** ҷиҳати иҷрои банди мазкур ҳамаҷониба кумак расонанд.

**35.** Девони Вазирон:

**дар муҳлати як ҳафта** Фармони мазкур ва чорабиниҳое, ки бо он тасдиқ гардида, ба татбиқи иҷрои Барномаи давлатӣ нигаронида шудаанд, қабул намояд;

**дар охири ҳар моҳ** маълумотҳоро оид ба иҷрои Барномаи давлатӣ умумӣ карда, ба Администратсияи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод намояд;

**дар анҷоми ҳар як чоряк** сари вақт, пурра ва босифат иҷро гардидани вазифаҳои дар Барномаи давлатӣ гузошташударо дар ҷамъомади раёсати Девони Вазирон муҳокима намояд;

**дар ҳар нимсола** ҳисоботҳоро аз рӯйи иҷрои Барномаи давлатӣ ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ворид кунад.

**36.** Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ (А. Хоҷаев), Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон (А. Ҷӯрабоев) ва Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон (А. Кӯчимов) якҷоя бо дигар воситаҳои ахбори оммавӣ мунтазам:

тавассути маводҳои таҳлилӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ, аз ҷумла, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ шарҳ додани натиҷаҳои татбиқи Барномаи давлатӣ, дастовардҳои гузариш ба **«иқтисодиёти сабз»**-ро, инчунин ба омма фаҳмонда додани моҳият ва мазмуни онро;

ба аҳолӣ сари вақт расонидани маълумотҳои холису пурраро дар бораи **рафти чорабиниҳое**, ки дар доираи Барномаи давлатӣ **амалӣ мегарданд** ва натиҷаҳои онҳоро таъмин намоянд.

**37.** Барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи **роҳбарони вазорату идораҳо, Раиси** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, **ҳокимони** вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ҷавобгарии шахсӣ гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармони мазкур, мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳое, ки ба иҷрои он масъул мебошанд, ба зиммаи **Комиссияи ҷумҳуриявӣ** оид ба татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» гузошта шавад.

Дар бораи чораҳои амалишуда дар ҳар семоҳа ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ахборот тақдим карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*7 феврали соли 2025.*

*Ба муносибати солгарди зодрӯзи Заҳириддин Муҳаммад Бобур*

# МИРЗО БОБУР – ПОЯГУЗОРИ ИМПЕРИЯИ БУЗУРГ



*«Бобур – шахси дилбар...*
*Ҳукмдори типи даври Эҳё, инсони мард ва соҳибкор буд».*

**Ҷавоҳирлаъл НЕҲРУ.**

Ҳарчанд аз бунёдгузории салтанати бобуриён дар Ҳиндустон 500 сол сипарӣ гардидааст, муаррихон ва халқи маҳаллӣ то ҳанӯз номи онҳоро бо эҳтироми хосса ба забон мегиранд. Дар аҳде, ки таърихи давлатдории ӯзбек мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, фикр мекунам, тадқиқотҳо дар ин росто аҳамияти муҳим касб менамоянд. Қисми зиёди ҳаёти Бобур дар набард ва лашкаркашиҳо гузаштааст. Пирӯзию мағлубиятҳои ӯ ба бунёди давлати мутамарказ мусоидат намуданд. Дар ҷангу оштӣ бо саркардаҳои бузурги асри худ – Исмоили Сафавӣ, Шайбонихон, Иброҳими Лӯдӣ, Рана Санга ва дигарон ба донишу таҷрибаи ҳарбии Бобур афзуданд, ки мо ин ҳамаро аз «Бобурнома» мехонем.

Дар мамолики Шарқу Ғарб доир ба сулолаи Бобуриён таълифоти зиёди илмию таърихӣ ва бадеӣ анҷом дода шудаанд. Аксарияти ин асарҳоро ҳамасрони шоҳзодагони бобурӣ – шоҳидони воқеаву ҳодисаҳо рӯйи коғаз овардаанд. Ин таълифот дар бораи сулолаи бобуриён, ки қариб сеюним аср дар Ҳиндустон ҳукмронӣ намудаанд, маълумот медиҳад. Омӯзиш ва ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи мероси маънавии ӯ дар байни насли ҷавон ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

Дар аҳди ҳукмронии шоҳзодагони Темурӣ халифагӣ ба дасти султонҳои турк буд. Пӯшида нест, ки дар он рӯзгор байни темуриён ва султонҳои турк ихтилофу адоват буд.

Муҳорибаҳо алайҳи туркҳои султонӣ далели ин гуфтаанд. Соли 1517, баъди барҳам хӯрдани хилофат дар байни султонҳои турк, дар салтанати бобуриён вожаи хилофат ё халифагӣ дигар мавриди истеъмол қарор нагирифт.

Даставвал сохтори идории давлати бобуриён тибқи сохтори маъмурие, ки Амир Темур ҷорӣ карда буд, роҳандозӣ шудааст. Дар асари «Малфузоти Темурӣ» омадааст, ки дар зери дасти вазир – Девонбегии дарбори ӯ ҳафт вазир масруфи кор будаанд. Дар байни ин вазирон вазири мамлакат, вазири сайёр, вазири сипоҳ ва вазири корхона бо молия сарукор доштаанд. Вазири мамлакат бори авзои раият, андозҳои ситондашаванда, даромаду баромад, масоили зиндагӣ ва рушди мамлакатро бар дӯш дошт. Вазири сипоҳ маоши навкарон, рағбатноксозии онҳо, вазъи таҷҳизоти ҳарбӣ ва таркиби лашкарро таҳти назорат гирифта буд. Масоили манбаи андозғундорӣ, яъне боҷу закот, мулки фавтидагон, чорводорӣ, чарогоҳҳо, обу ему хошок, рӯйхати ояндагону равандагон ва беному нишон гумшудагон ба зиммаи вазири сайёр буд. Вазири корхона фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, даромаду баромади онҳо ва маблағи умумиеро, ки ба чорводорӣ масраф мегарданд, таҳти назорат дошт.

Дар маъмурияти салтанати Бобуриён, барилова, вазири арз, вазири девон ва вазири мушриф низ фаъолият дошт.

Сохтори идории маъмурии Бобуриён бино ба табиати худ мисли салтанати Амир Темур ҳокимияти ҳарбӣ маҳсуб мешуд ва мамлакатро подшоҳ идора мекард. Дар соли 1507 Бобур Мирзо зарурати расман пазируфтани унвони «подшоҳ»-ро дарк намуд. Зеро авзои сиёсии кишварҳои ҳамсоя инро тақозо мекард...

Баъди даргузашти Ҳусайн Бойқаро, пешбари ба назар намоёни сулолаи темуриён Бобуршоҳ буд. Дертар робитаҳои сиёсии ӯ бо кӯҳҳои муғул қатъ ёфт, зеро онҳоро Шайбонихон торумор карда буд.

Хусусияти дигари сиёсати давлатии бобуриён ин буд, ки онҳо нисбати эътиқоду дини шаҳрвандон сиёсати таҳаммулпазирӣ ва хайрхоҳонаро пеш гирифта буданд.

Осори таърихӣ ва бадеии Заҳириддин Муҳаммад Бобур хазинаи бебаҳои маънавии мост. Ашъори дилангези ӯ пур аз ҳикматанд. Агар ба онҳо сатҳӣ назар афканем, отифаҳои одиянд. Вале агар ба умқи онҳо равем, мебинем, ки дар онҳо андешаҳое ифода ёфтаанд, ки ба қисмати бани башар иртибот доранд, туғёни дарёеро эҳсос мекунем, ки сокин ҷорист.

Ватани шоир забони модарии ӯст. Рӯзгори воқеии Заҳириддин Муҳаммад Бобур низ дар сухан ифода ёфтааст. Ишқи Ватан торикистони дили ӯро чун чароғ равшан менамояд.

Подшоҳ – Мирзо Бобур ба дунболи ғаму ташвишҳои худ набуд, ҳамеша ғами халқро мехӯрд. Ӯ фармудааст: «Ҳеч қайде мисли қайди подшоҳӣ набувад, подшоҳию танҳоӣ ба ҳам рост наоянд»... Бобур ба Ҳумоюн маслиҳат медиҳад, ки дар корҳои муҳими давлатӣ бино ба салоҳдиди соҳибкорон, донишмандон ва умаро кор барад: «... бино ба маслиҳати онҳое амал кун, ки таҷриба доранду чашми корро медонанд. Агар ризоияти маро хоҳӣ, аз хилватнишинӣ бипарҳез, дар канори мардум бош...»

Бобур дар байни темуризодагон ба Ҳусайн Бойқаро арҷ мегузошт. Таъкид кардааст, ки ӯ фазилатҳои ба подшоҳон хос дорад, подшоҳи асил аст. Вай дар «Бобурнома» доир ба шаклу шамоил ва ахлоқу атвори ӯ маълумоти муфассал додааст: «Инсони ҳарроф ва хушахлоқ буд. Дар муомилот шаръро бештар риоя кардӣ».

Ӯ ба адолату шариат сахт амал мекард. Нақл мекунад, ки вақте писараш нафареро мекушад, худаш ӯро ба қозихона мефиристад. Ин далели он аст, ки ӯ ҳисси ватандӯстӣ ва халқпарвариашро аз қарзи падарӣ боло мегузоштааст. Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон 40 сол подшоҳӣ кардааст. Таъкид мекунад, ки Ҳусайнӣ Бойқаро бо тахаллуси Ҳусайӣ девоне тартиб дода.

Бобур рамзи матонати инсон аст. Ӯ талхиҳои ҳаётро дар тӯли умр бисёр чашид: хиёнати наздикон, ҷудоии Ватан, изтироби ҷангу ҷадалҳо, заҳмати беадолатиҳо ва ранҷу меҳнати ғурбатро аз сар гузаронд. Барои пушти сар гузоштани дарду ғамҳои зиёд инсон бояд мисли Бобур иродаи қавӣ дошта бошад. Ҷасорат, эҳсоси гарму нафиси Бобур дар осораш мунъакис ёфтааст.

Бобур шоири соҳибдевон аст. Дар «Бобурнома» омада, ки ӯ девонашро дар чанд нусха рӯбардор карда, як нусхаашро ба Самарқанд интиқол додааст. Самимият ва дарду шодиҳое, ки дар назми ӯ инъикос ёфтаанд, хонандаро бефарқ намегузоранд. «Бобурнома»-и ӯ шоҳасари адабиёти классикии ӯзбек маҳсуб мешавад.

**Мансур ЮНУС,**
**мудири кафедраи Академияи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори фалсафа бино ба илмҳои филологӣ, дотсент.**

*Машъалони маориф*

# ГАНҶЕ ДАР НИҲОН



Насрулло Эшбоев яке аз омӯзгорони ҳирфаӣ аст, ки пас аз хатми факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи омӯзгории Душанбе бо орзуҳои ширин ба Ватан баргашт. Хокҷои аҷдодони ӯ саргаҳи Дараи Ниҳони машҳур – деҳаи Сариҷӯй аст. Насруллоро дар мактаби таҳсилдидааш – рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё, ки аз беҳтарин дабистонҳо маҳсуб меёфт, хуш пазируфтанд. Забардасттарин омӯзгорон дар ин даргоҳ машғули тадрис буданд. Аз ҷумла, фанни забон ва адабиёти тоҷикро шоири номдори воҳаи Сурхон Абдуллоҳ Раҳмон ба шогирдон меомӯзонд. Вай дар бари устодони худ ҷой шуд ва дар «мактаби маҳорат»-и онҳо тамрин дид ва пӯлодвор обутоб ёфт. Аммо он замонаҳои «каҷ дору марез» ба аҳли маърифат рӯз бурдан гарон шуда, обрӯи омӯзгорон назар ба пештара хеле коста буд. Насрулло дар чунин як замона бо дили пур остони дабистонро кӯфт. Ҳарчанд аз ҳамсолони худ таънаҳо шунид, аммо як сухани обдори қиблагоҳаш Абдулло Эшбоев ба ёдаш расид: «Писарам, ҷигарам! Бабр аз сайди худ, мард аз майли худ намегардад. Нони омӯзгор ширинтарин аст, илло ба фитна ҳосил накунанд.» Инак он панди нишонрас дар гӯшҳо сӣ сол ин ҷониб заҳмат мекашад ва қадаме фаротар аз даргоҳи дабистон нагзошта, ҳама сахтиҳои ин пешаро мардонавор таҳаммул месозад. Ба фарзандони мардум дарси адаб медиҳад, нозукиҳои забони модариро меомӯзад. Дар пешаи худ рушд карда, ба як омӯзгори соҳибноми деҳаи Сариҷӯйи ноҳияи Сариосиё мубаддал гаштааст ва ҳоло пайваста дар шукӯҳи забони порсии тоҷикӣ саҳм мегузорад.

– Адабиёт дарсест, ки одам месозад. Тафаккури ӯро ташаккул дода, шогирдони ҳанӯз ғӯраро ба роҳи рост ҳидоят менамояд, ҳарфҳарф каломи модариро равнақ бахшида, дунёи онҳоро бо одоби ҳамида ва тамизи санҷида чароғон месозад, – дар фахри беандоза мегӯяд ин омӯзгори баландрутбаи риштаи забон ва адабиёти тоҷик ва аз он ошуфта мегардад, ки чандин сол ба ин сӯ соатҳои дарсии ин фанро ба чӣ далеле коҳиш доданд ва омӯзгорон кунун наметавонанд куллан нозукиҳои онро ба шогирдони ташнаи илми худ омӯзанд.

– Чаро фарзандони тоҷикро аз ин бахти баланд маҳрум сохтанд, – андешидаву ба субуташ намерасам! Охир, маҳз ҳамин фанни адабиёт аст, ки андешаро ба бача ёд медиҳад, тарзи солими тафаккурро омӯхта, ӯро ба сӯи қуллаҳои мурод раҳнамун месозад. Магар садҳо, балки ҳазорон алломаҳое, ки миллати мо ба аҳли ҷаҳон додааст ва мо низ бо номи шарафманди онҳо менозем, зиёда ифтихор меварзем, парвозгоҳи худро аз забон ва адабиёти ғании ниёкон оғоз накарданд?

– Ин масъала ҳатман дар сатҳи баланди идораҳои таълим бояд бознигарӣ шавад ва шукӯҳи қаблии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар дабистонҳо барқарор гарданд. Вагарна фарзандони мардум дар гирдоби тафаккури бегона монда, аз ҳувият ва худогоҳии меросӣ маҳрум мешаванд.

Ман ҳис мекунам, ки Насрулло Эшбоев ин ҳамаро аз таҷрибаи бойи педагогии худ мегӯяд ва ман пайиҳам суолҳо пеш овардаву оҳиста ба умқи солҳои омӯзгории мусоҳиби худ фурӯ меравам. Бисту чор сол боз хонандагоне, ки ба онҳо дарси адаб омӯхтааст, аз ин фан дар сабқатҳои сатҳи вилояту ҷумҳурӣ ширкат меварзанд. Соли хониши 2024-2025 барои Насрулло Эшбоев боз ҳам бобарор омад. Се хонандаи ӯ дар озмуни вилоятӣ ғолиб омаданд. Мадина Сафарбоева (синфи 9) ҷойи дуюм, Муҳаммад Бобоюсуфов (синфи 10) ҷойи сеюм ва Озода Сафарбоева (синфи 11) ҷойи аввалро гирифтанд. Озода Сафарбоева ба зинаи ҷумҳуриявии сабқат роҳхат гирифт ва шарафи вилояти Сурхондарёро ҳимоят хоҳад кард.

– Мо ба баъзе ҳаммиллатамон, ки забони модариро паст задаву забонҳои бегонаро бар он тарҷеҳ медиҳанд, нишон додем, ки таълим ба забони модарӣ беҳтарин роҳи рушди фарзандон аст. Ҳоло шогирдони мо аз мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиё дар ҳама риштаҳои таълими олӣ бо сари баланд ва дар асоси гранти давлатӣ мехонанд. Бо ҷоннисорӣ исбот кардем ва даҳони бефаровези баъзе ҳаммиллатонро комилан бастем, ки бо пойфишорӣ собит кардан мехостанд, ки дар Ӯзбекистон дигар таълим ба забони тоҷикӣ суде надорад. Ҳоло мактаби рақами 82, ки роҳбари болаёқат ва дилсӯзаш Саодат Сангинова аст, бо аҳли муттафиқи ҷамоаи омӯзгорони ҳирфаияш кӯшиш мекунанд, ки ин даргоҳи илм шукӯҳи худро аз даст надиҳад ва парчамбардори миллати сарфарози мо гардад.

Насрулло Эшбоев фаъолияти педагогиашро аз мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё оғоз карда, сар аз соли хониши соли 2018 ин шуғли муътабарро дар мактаби рақами 82 идома дод. Ягон сол дар кори омӯзгорӣ танаффус накардааст ва ҳар нафаси худро ба таълиму тарбияти шогирдон бахшида, дараҷаи олии тоифаро дар касби худ ба даст овардааст. Чандин сол аст, ки шогирдони хоҳишмандро аз фанни забон ва адабиёти тоҷик (чун репетитор) берун аз мактаб тамрин медиҳад. Онҳо аз мактабҳои дигари ноҳия низ омадаву пеши ӯ дарс мегиранд.

– Дар Сариосиё баъзе волидони ҳушёр дарк кардаанд, ки агар фарзандонашон дар сарфу наҳви забони модарӣ дониши баланд дошта бошанд, дар омӯхтани забони давлатӣ дастбоʼло мегарданд. Аз ин назар, ҷигаргӯшаҳои худро ба назди ман меоранд, то дарси иловагӣ гиранд. Натиҷа хеле боровар буд. Ҳама шогирдонам бе мушкилӣ ва сари баланд ба макотиби олӣ дохил шуданд, – аз тавфиқи шогирдонаш шод гашта, бо фахр мегӯяд Н. Эшбоев.

Таҷрибаи омӯзгор Насрулло Эшбоев маро ба ваҷд меорад ва аз тавфиқи як ҳамзабони худ рӯҳан болида, худ аз худ дар дил таъкид мекунам: таҷрибаи ӯ бояд дар саросари кишвар ҳамагонӣ гардад. Бисёр мехостам, ки ба гӯши роҳбарони баландпояи таълим расида, таконе диҳад, ки соатҳои дарсҳои забон ва адабиёти тоҷикро ихтисор не, балки ба шуморашон афзоянд. Боз аз аъмоли баъзе тоҷикони раҳгумзада хафа мешавам, ки фарзандони худро аз омӯхтани забони модариашон бо баҳонаҳои ночизе маҳрум месозанд ва барояшон ҳамин таҷрибаи устоди фанни адабро далел меорам ва аз забони шоире, ки аҷаб ширин фармудааст, ин байтро чун дами барахнаи шамшер ба рӯяшон меандозам:

*Ҳар кас ба забони худ*
*сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш*
*осон гардад!*

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО

***Натиҷаҳои сафари сафири Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона дар вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.***

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон аз рӯйи пешниҳодҳои сафорат ҷиҳати таъмини мактабҳои ноҳия бо китобҳои бадеӣ, илмӣ ва оммавӣ ибрози омодагӣ намудааст. Инчунин Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкориро бо фаъолон, зиёиён ва адибони ин гӯшаи биҳиштосои вилояти Фарғона ба нақша гирифтааст. Дар ин замина омадааст, ки сафари ҳунарии ҳунармандони Театри давлатии академии драмаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ба шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон, аз ҷумла ноҳияи Сӯх, дар моҳи майи соли 2025 сурат хоҳад гирифт.

Бино ба хабари сафорати Тоҷикистон дар идома Вазорати нақлиёти ин кишвари ҳамҷавор масъалаи рафтуомади шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро тавассути роҳи Сӯх – Исфара ба мақсад мувофиқ шумурдааст. Интизор меравад, ки дар ҳолати беҳтар шудани вазъи сиёсӣ дар ин минтақа ва кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии байни Тоҷикистону Қирғизистон масъалаи мазкур ҳаллу фасли худро пайдо хоҳад кард.

Кумитаи давлатии амнияти Тоҷикистон низ аз пешниҳодҳои сафорати худ дар Тошканд ҷонибдорӣ кардааст. Ин ниҳод зарурати кушодани роҳи алтернативии Сӯх – Исфараро барои шаҳрвандони ду кишвар мувофиқи мақсад хондааст. Сафорат мегӯяд, ки Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон барқарор намудани равуои шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба воситаи роҳи автомобилгарди Исфара – Сӯх танҳо пас аз ба анҷом расонидани делимитатсияи сарҳадҳои давлатии Тоҷикистону Қирғизистон имконпазир мешуморад.

Дар хабари сафорат тазаккур ёфтааст, ки ба Тоҷикистон даромадани шаҳрвандони Ӯзбекистон пас аз кушода шудани гузаргоҳи сарҳадии «Гулистон» имконпазир мегардад, зеро он низоми гузариши байналмилалиро касб менамояд. Ба ҳудуди ноҳияи Сӯх ворид шудани шаҳрвандони Тоҷикистон аз низоми дар ин масир мавҷудбудаи байни Қирғизистон ва Ӯзбекистон вобаста аст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Дар кохи маркази сайёҳии «Шаҳри абадӣ» ба муносибати 3-юмин солгарди Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд анҷумани фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст.**

# ҲАМ ҶАМЪБАСТ, ҲАМ ТАҶЛИЛ

Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ Юсуф Абдуллоев таъкид намуд, ки мактаби олии мазкур бо ташаббуси сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев таъсис ёфта, ҳоло дар байни университетҳои ғайридавлатӣ ба нуфузу эътибори хоса соҳиб аст.

Воқеан дар донишгоҳ ҳоло 370 нафар талабагон асрори касбҳои гуногуни технологиро меомӯзанд. Ба онҳо қариб 50 нафар профессорони соҳиби унвони доктори фан ба забони англисӣ сабақ медиҳанд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Одоби сухан*

# «СУХАН БИСЁР ГУФТАН ХОРӢ ОРАД»

Доир ба одоби сухан бузургони форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон суханони ибратомӯз гуфтаанд. Бештари бузургон андешаҳои хешро бо назм баён намудаанд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ бошад, аввал фикрашро ба наср ифода намуда, пасон онро бо назм боз ҳам сайқал бахшидааст. Аз ҷумла, «Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ адаб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад ва илло хомӯшӣ беҳ аз он бувад». Ин фикрро Шайх Саъдӣ ба тариқи зайл баён кардааст: «Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ».

Кошифӣ дар «Футувватнома» шаш мавриди сухан гуфтанро таъкид намудааст: дар ҳар ҷамъомад, ҳар маҷлис, ҳар нишаст, ҳар фард мувофиқи ҳолаш, мақомаш, донишаш, дарку идрокаш бояд сухан гӯяд: «Бо ӯ бо забони ӯ сухан бояд гуфт», бо лутфу хушрафторӣ бо касон, бо дӯстон, бо рафиқон бояд сухан гуфт, на бо дағаливу дуруштӣ, дар вақти сухан гуфтан кас бояд кушодарӯй бошад, сухане гӯяд, ки ба муроди дили шунаванда бошад, шунаванда малоли хотир нашавад, ғубори маломат ба дилаш наангезад, сухан бояд судбахшу бомағз бошад, инсонҳоро ба покиву ростӣ дар роҳи Ҳақ ҳидоят намояд, то аз ӯ сухан напурсанд, сухан нагӯяд, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад, дар вақти сухан гуфтан ба чапу рост назар наафканад, бо ғаразу киноя сухан нагӯяд, аввал хуб андеша кунад ва пасон сухан гӯяд, то пушаймон нашавад, сухани гӯяндаро набурад, чун суханашро ба охир расонид, он гоҳ лаб ба сухан кушояд, сухан кӯтоҳу андак бояд гуфт. Сухан бисёр гуфтан хорӣ орад». Чунончӣ Низомии Ганҷавӣ дар «Лайлӣ ва Маҷнун» мефармояд:

*Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,*
*То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.*
*Лоф аз сухани чу дур тавон зад,*
*Он хишт бувад, ки пур тавон зад.*
*Об арчи басе зулол хезад,*
*Аз хӯрдани пур малол хезад.*

Кошифӣ одоби сухан гуфтанро бо абёти шоири бузург Низомии Ганҷавӣ ҷамъбаст намудааст ва дар охир андешаҳои хешро дар бораи сухани нек ба тариқи зайл ба қалам додааст: «Агар пурсанд, ки сухан аз ту аст, ё ту аз суханӣ? Бигӯй: «Ман аз суханам ва сухан аз ман аст, ки меваи дарахти инсонӣ сухан аст». Агар пурсанд, ки сухани нек кадом аст? Бигӯй ки: «Аз он нафъ ба касе расад». Агар пурсанд, ки сухани бад кадом аст? Бигӯй: «Он ки аз он зараре ба касе оид шавад».

«Футувватнома» асари пурарзиш ва судмандест, ки имрӯз ҳам аҳамияти бузурги таълимию тарбиявӣ дорад.

**Хушнуд МАҚСАДОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 46-уми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 3698. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.